# ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАҲОИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ КУМИТА ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023 ВА ВАЗИФАҲО БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ МИНБАЪДА

Опубликовано 11 апреля, 2023 - 11:33 пользователем Ҳайати тадорукот
Имрӯз 11-уми апрели соли 2023, соати 13:00 дар толори Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷлиси ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Кумита дар семоҳаи якуми соли 2023 ва вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда бо иштироки аъзои Ҳайати мушовара, раиси Кумита, муовини раис, сардорон, мудирон ва кормандони Кумита баргузор гардид.
Дар оғоз раиси Кумита тибқи тартиб масъалаҳои рӯзномаро муаррифӣ намуда, ҳузури иштирокдоронро ба маҷлиси имрӯза хайра мақдам гуфт. Доир ба ҷамъбасти фаъолияти Кумита дар семоҳаи якуми соли 2023 ва вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда муовини раиси Кумита – Раҳматуллозода С. гузориш дод.
Баъдан, он аз ҷониби аъзои Ҳайати мушовара Назарзода С., Абдурраҳмонова М., Мансурӣ Ш. ва кормандони Кумита мавриди муҳокима қарор гирифта, маҷлис ба ин қарор омад, ки ҳисоботи фаъолияти Кумита дар семоҳаи якуми соли 2023 қаноатбахш ҳисобида шавад.
Ҷаласаи Ҳайати мушовараро раиси Кумита доктори илми филология – Муҳаммадҷонзода Олимҷон ҷамъбаст намуд.

**Рейтинг контента:** 5

Средняя оценка: 5 (3 голос)

Rate

## Категория:

- Гузоришҳо [1]
- Ахбори рӯз [2]

- 

- 

- 

- 

-

- 

- 

**Источник::**https://istilohot.tj/ru/node/6926?mini=2026-01

**Ссылки**
[1] https://istilohot.tj/ru/taxonomy/term/28 [2] https://istilohot.tj/ru/taxonomy/term/10 [3] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230411_131634.jpg [4] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230411_131801.jpg [5] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230411_133855.jpg [6] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230411_140159.jpg [7] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230411_140733.jpg [8] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230411_140745.jpg [9] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230411_140746.jpg [10] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230411_140749.jpg